# Протоколи № 4
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-010

аз «8» январи соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар

**Раисишуро:** Раҳимова М.

Дар ҷаласа имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.1.4 Химияи органикӣ.

**Баромад намуданд:** раиси шурои диссертатсионӣ профессор Раҳимова М., котиби илмии шуро Бекназарова Н.С. ва аъзои шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои химия Пулатов Э.Х., номзадони илмҳои химия, дотсентон Заидова М.Т. ва Акбарова М.М.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи анминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.1.4 Химияи органикӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
- доктори илмҳои химия Пулатов Элмурод Холикулович;
- номзади илмҳои химия, дотсент Заидова М.Т.;
- номзади илмҳои химия , дотсент Акбарова М.М.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.